**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_________________ Ғаффорӣ Н. У.

**Хулосаи**
**кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи “Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ - нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ (дар асоси маводҳои омӯзиши забони англисӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ пешниҳод шудааст. (Такрорӣ)**

Муҳити имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ на танҳо сатҳи баланди фаъолнокии инсон, балки маҳорату қобилияти рафтори ғайриқолабиро тақозо менамояд. Вобаста ба ин, муаммои **ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ - нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ** дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон торафт мубрам мегардад ва яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат дар соҳаи маориф таъсиси низоми муассири таҳсилот, муҳайё намудани шароит барои таълиму тарбия, дастгирӣ ва рушди мутахассисони болаёқат маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ошкор намудан ва инкишоф додани қобилияти коммуникативӣ - нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ ва ба вуҷуд овардани шароит ва омилҳое, ки барои ташаккул ва рушди ин қобилият мусоидат мекунанд, яке аз вазифаҳои муҳими раванди таҳсилот дар мактаби олӣ ба шумор меравад.

Ҳамасола дар Паёмҳои сарвари мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боло бурдани сифати таҳсилот, ки аз дараҷаи маърифатии мутахассисон вобастагии зиёд дорад таклифҳои арзишманд пешниҳод мешаванд. Маҳз, чунин тадбирҳо рушди сифатҳои бисёрҳаракатӣ, серамалӣ, мустақилию худфаъолиятӣ ва эҷодкорию ташаббускории донишҷӯёнро таъмин менамояд, ки таҳкурсии ин раванд

қобилияти коммуникативӣ - нутқии донишҷӯён мебошад. Фароҳам овардани шароит барои инкишофи амалҳои коммуникативӣ ба донишҷӯёни боистеъдод ва лаёқатманд, салоҳиятнокии иҷтимоӣ ва пайвастшавии бомуваффақияти онҳоро ба гурӯҳи ҳамсолон таъмин намуда, имкон медиҳад, ки онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон таъсири мутақобил ва ҳамкориро ба роҳ монанд. Инчунин, муҳити муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба талаботи бозори меҳнат аз ҳисоби омилҳои интихоби методҳои мувофиқтарини рефлексивии таълим, тарбия, инкишоф, дастгирии психологию педагогӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоии донишҷӯён мутобиқ гардонида шавад.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои инкишофи раванди таълим дар зери таъсири дигаргуниҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки на танҳо зарурати иҷтимоии ташкили кори мақсаднок оид ба ташаккули тайёрии касбии кадрҳои педагогӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳангии онҳо, балки дар баробари додани донишу малакаи ҳалли вазифаҳои стандартии касбӣ, афзалият бо рақобатпазирӣ, дарки масъала, ҳисси масъулият ва эҷодкорӣ, қобилияти мутобиқ шудан дар муҳити гуногунфарҳангиро ба вуҷуд меорад.

Дар ҳамин асно ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар асоси омӯзиши забонҳо ба яке аз равандҳои мубрами таълим табдил меёбад. Ба ибораи дигар низоми тайёр намудани кадрҳои педагогии муосир бояд бо дарназардошти доираи пурраи сифатҳое амалӣ гардад, ки онҳо бо истилоҳи «салоҳияти касбии омӯзгори муосир» хос бошанд ва аз шароити воқеии замона баргирифта, ки донишҷӯёну кадрҳои ояндаи баландихтисоси донандаи забони англисӣ аз ҳамин минвол ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин дар шароити дигаргуниҳои ба амаломадаи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуни равандҳои инкишофи қобилиятҳои коммуникативӣ -

нуткии донишҷӯён, махсусан таҳлили равандҳои инкишофи алоқаҳо, ки аз шароити ҳозираи иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омадаанд, онро афзалияти муҳим медиҳанд.

Аз ин ҷо, зарурати коркарди технологияи педагогии рушди қобилияти коммуникативӣ - нуткии донишҷӯён бо дарназардошти сатҳи инкишофи қобилияти ҳар як донишҷӯй ба миён омад, ки он тавассуди фароҳам овардани шароити мусоид дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ мегардад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, панҷ параграф, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи асосӣ бо тавсияҳо, феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди муаммо ва азхудкунии масъалаи илмӣ, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳою ғояи пешбари таҳқиқот, асоси методологӣ, назариявӣ, маҷмӯи методҳо, сарчашмаҳо, марҳилаҳои асосӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, саҳми шахсии унвонҷӯй, асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои асосии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавсифномаи пурра дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён" ном гирифта, аз ду параграф иборат аст.

Дар параграфи аввал "Аҳамияти назариявии нуктаҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ оид ба қонуниятҳои инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён" оид ба масъалаҳои рушди ин қобилият  дар адабиёти фалсафию педагогӣ андешаҳои файласуфон, олимони хориҷӣ дар давраҳои гуногуни ҳаёти инсоният муқоиса ва таҳлил карда шудааст. Муоина ва таҳлили мафҳуми қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар таълифоти фалсафӣ нишон

медиҳад, ки ба пайдоиш ва инкишофи феномени мазкур се омил таъсир мерасонанд: ирсият, муҳит ва тарбия. Барои баррасии механизмҳои инкишофи қобилияти коммуникативӣ аҳамияти назариявии нуктаҳои фалсафӣ ва психологию педагогӣ оид ба қонуниятҳои инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди педагогӣ идома додани таҳлил дар соҳаҳои психология ва педагогика тақозо мегардад, ки диссертант онҳоро мушикофона баррасӣ кардааст.

Дар параграфи дуюм "Таъминоти технологии омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - педагогии Тоҷикистон" қонуниятҳои инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён, мазмун ва моҳияти педагогии тавсифи онҳо аз нуктаи назари олимони соҳаи педагогика ва психология таҳлилу баррасӣ гардидааст. Таҳқиқгар дар асоси ақидаҳои олимони соҳа андешаи хешро иброз дошта, таъкид менамояд, ки педагогҳо ва психологҳо қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро ҳамчун хусусияти инсон баррасӣ мекунанд, ки ин қобилият ба донишҷӯй дар иҷрои бомуваффақияти якчанд ё як қатор амалҳо, ҳамчунин барои ноилшавӣ ба натиҷаҳои баланд дар навъҳои алоҳидаи фаъолият кӯмак мерасонад. Амсилаҳои алоҳидаи ин қобилиятҳо коркард шудаанд, баъзе нишонаҳои қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ ошкор гардидаанд. Гузашта аз ин, дар рисола дарҷ гардидааст, ки аксарияти олимон асосан ба қобилияти зеҳнӣ ё эҷодкорӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда, ба қобилияти комуникативӣ-нутқӣ диққати чандон надодаанд.

Таҳқиқгар ба хусусияти синусолӣ ва психологию педагогии донишҷӯён такя намуда, инкишоф додани қобилияти маърифатӣ ва лаёқатмандии умумии зеҳнии донишҷӯёнро низ муҳим шуморида, зарурати фаҳмидани моҳияти мафҳуми «қобилияти комуникативӣ-нутқӣ»-ро бо тарҳрезии амсилаи томи назариявии он ба миён гузоштааст.

Дар рисола таҳлили қобилияти комуникативӣ-нутқӣ ба чунин

хулоса меорад, ки донишҷӯёни дорои қобилияти комуникативӣ-нутқӣ на танҳо бо нутқи хуб инкишофёфта, балки бо маҳорати хуб рушдёфтаи таълимию маърифатӣ таваҷҷӯҳи атрофиёнро ҷалб мекунанд. Ҳамчунин дар рисола нишон дода шудааст, ки донишҷӯён соҳиби бағочи бойи донишҳои эмпирикӣ (омӯзиши таҷрибаҳо) ва назариявӣ мебошанд. Дар заминаи ин донишҳо, онҳо дидгоҳи худро ба воқеияти атрофашон ташаккул медиҳанд. Дар ҳақиқат низоми томи дидгоҳҳои илмӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ба олам ҷаҳоншиносии инсонро ташкил медиҳад, ки дар инҷо низ ҳақ ба ҷониби диссертант аст.

Боби дуюми диссертатсия **"Ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ (санҷиши озмоишӣ)"** ном дошта, аз се параграф иборат аст.

Дар параграфи якуми боби дуюм "Муҳтавои бахампайвастаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон" нишон дода шудааст, ки вазъияти забонӣ дар ҷаҳони муосир таврест, ки рисолаи бештари ҳамгироёнаро дар илм ва таҳсилот, дар амалӣ намудани таъминоти иттилоотӣ, аз ҷумла забони англисӣ амалӣ менамояд. Дар Тоҷикистон алҳол теъдоди зиёди намояндагони зиёии ҷавони тоҷик ба дониши хуби забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ эҳтиёҷ доранд, ки барои пешбурди фаъолияти касбии онҳо зарур аст.

Дар ин параграф диссертант бо далелҳо собит намудааст, ки донишҷӯён сатҳи зарурии маҳоратро асосан бо сабаби мукаммал набудани техникаи он ба даст оварда наметавонанд ва ин ду сабаб дорад:

1. Дар фаъолияти таълимии донишҷӯён асосан хониши калима ба калима ба назар мерасад, ки дар натиҷа донишҷӯён дар идроки падидаҳои грамматикӣ мушкилӣ мекашанд;
2. Донишҷӯён бо дарки асоснокшуда маънои лексикаи омӯхташударо дар нутқ истифода бурда наметавонанд.

Дар ду параграфи дигари рисола рафт ва натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, бойгардонии мазмун ва шаклҳои корҳои таълимӣ-

маърифатии иштирокчиёни раванди педагогӣ, такмилдиҳии технологияи педагогӣ бо мақсади ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар давраи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии касбии омӯзгорӣ инъикос мегардад. Аз натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ хулоса бароварда шуда, тавсияҳои педагогӣ пешкаш карда шудаанд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии шакл, роҳу усулҳои ташаккулёбии **қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён** мусоидат менамоянд.

Диссертант ҳамчунин ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳҳои самарабахши ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро дар ду самт пайгирӣ намудааст:

- дар доираи заминаҳои барномавӣ-методии (стандартҳо, нақшаю барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ) амалкунанда аз нав дида баромадан, амиқ кардан ва тасҳеҳи мазмуни таълим;

- амалӣ гардондани мазмуни таълими забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ, дурнамои рушди методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ.

Дар рафти корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ робитаи байниҳамдигарии мазмуни таълими забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ, такмилдиҳии мазмун ва методҳои таълим дар дарсҳои забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии дастовардҳои методикаи таълим ва фанҳои бо ҳам наздик, инчунин таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорони забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил ва баргузории дарсҳо амалӣ гардиданд.

Дар марҳилаи аввали кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, аз ҷониби диссертант донишҷӯёни ҳамаи курсҳо ҷалб шудаанд, ки ба онҳо дар атрофи иҷрои ҳамгуна вазифаҳо, ки метавонанд барои ташаккули маҳорати комуникативӣ-нутқӣ мусоидат кунанд машқҳо пешниҳод шудааст.

Бозиҳои таълимӣ-дидактикӣ низ ҳамчун шакли махсус ташкилшудаи раванди таълими забон, дар методикаи таълими забонҳо, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавкеи махсус дорад. Он шавкмандӣ ба омӯзиши фанни таълимӣ ва таҳсилотиро зиёд намуда, фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро инкишоф дода, барои рушди қобилияти коммуникативӣ-нуткӣ ва эҷодии онҳо мусоидат менамояд, дарсҳоро ҷаззоб, ҳаяҷонбахшу хушобуранг мегардонад (О.Л. Лившитс, Е.В. Разумова, И.В. Рахманов, А.П. Старков, Р.К. Фузайлов, Т.К. Шукуров ва дигарон). Дар дарсҳо махсусан зиёдтар бозиҳои дидактикӣ, накшофарӣ, вазъияти бозикунӣ болоравии фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро таъмин мекунанд ва омӯзгорон зиёдтар ҳангомаҳои (шоу) зеҳнӣ ва ғайраро мавриди истифодабарӣ карор медиҳанд. Махсусан, гурӯҳи бозиҳо барои дар хотир нигоҳ доштани воҳидҳои нуткӣ, фаромӯш нашудани захираи луғавӣ ва фаъолнокии донишҷӯёнро таъмин менамоянд, ки диссертант онҳоро хеле моҳирона пешниҳод кардааст.

Ба хотири аник дарк кардани моҳияти масъала дар диссертатсия аз ҷадвалу диаграммаҳои шарҳдиҳандаи онҳо истифода шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯёнро таҳқиқ намуда, имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олиро ҷиҳати рушди қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён муайян кардааст.

Навгонии илмии таҳкикотро коркарди сохтори барномаи имконияти педагогии инкишофи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ва роҳҳои амалисозии технологияи педагогии рушди донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тариқи озмоиш асоснок ва тасдиқ карда шудааст, ташкил медиҳад. Дар таҳқикот ҳамчунин функсияҳо ва қоидаҳои имконияти педагогии рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавзӯи пешниҳодшуда муайян гардида, робитаҳои қонунӣ, ҳамбастагии

байни ҷузъҳои ташкили дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими донишҷӯён татбиқ мешавад, ошкор шудаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки амсилаи графикӣ, методҳои дидактикӣ бо ҳадафи рушди қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ коркард гардида, татбиқи амалии он дар раванди таълими донишҷӯён бо истифодаи воситаҳои инноватсионӣ анҷом дода шудааст.

Таҳқиқоти мазкур ба ҳалли пурра ва тамоми проблемаи ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ иддао намекунад ва аз камбудиҳо орӣ нест. Масалан:

1. Саҳифаҳо коркарди иловагиро талаб доранд;

2. Муаллиф бештар ба таҳқиқотҳои забонӣ диққат додааст, ки ин таҳқиқотҳои педагогиро он қадар назаррас ҷилва намедиҳад;

3. Дар диссертатсия ғалатҳои услубию китобатӣ дида мешаванд.

Аммо ин камбидиҳо илмияти мавзӯи пешниҳодшударо коста нагардонида бо андак кӯшиш бартараф хоҳанд шуд. Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, ба арзиши асосии назариявию амалии диссертатсия таъсири манфӣ надоранд.

Муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар интишороти муаллиф ба табъ расидаанд. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ хеле фаҳмо навишта шуда, баёнгари он аст, ки дар атрофи мавзӯи интихобгардида аз оғоз то охири таҳқиқот унвонҷӯй ҷиддан таҳлили кори илмиро ба сомон расонидааст.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқатии комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна пурра инъикос мекунанд. Муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) пурра мутобиқат дорад.

Диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи **“Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ - нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони**

**англисӣ), ки** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯй ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштирок ва баромади унвонҷӯй Мавлонова И. Т. баррасӣ ва муҳокима гардида, бо тарафдории аксарияти иштирокчиён хулосаи мазкур тасдиқ карда шуд.

Хулоса аз тарафи мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогика номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Наимов Зариф Ҷомиевич омода карда шудааст.

(Қарори ҷаласаи кафедра № 09/2 аз 06 апрели соли 2022).

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ____________ Наимов З. Ҷ.
06.04.2022с.

Маълумот барои тамос: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121.
Телефон:+992(918)657194.www.tqpu.tj
Имзои Наимов Зариф Ҷомиевичро тасдиқ мекунам:

Мудири РК ва КМ-и ДДОТ
ба номи С. Айнӣ ____________ Назаров Д.